Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №35 (2862) | ПАНҶШАНБЕ, 29 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Ҳамкории бунёдии иқтисодӣ – самти афзалиятноки робитаҳои сеҷониба



**Нимаи дуюми рӯзи 25 марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон баргузор гардид.**

Ҷаласаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон - Эмомалӣ Раҳмон, Ҳомид Карзай ва Маҳмуди Аҳмадинажод дар Кохи Сомони бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён гирифт.

Зикр гардид, ки ҳамкории бунёдии иқтисодӣ самти муҳимтарин ва афзалиятноки робитаҳои дарозмуддати сеҷонибаи Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон эълон шудааст.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки барои «иҷрои саривақтӣ ва пурраи аҳду паймонҳои қаблан ҳосилшуда» набояд ба «саҳлангорӣ» роҳ дода шавад. Тавре аён гардид, манзури Эмомалӣ Раҳмон, асосан татбиқи лоиҳаҳои пайвастшавии роҳҳои заминӣ ва оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон ва бунёди хати интиқоли барқи 500 - киловолтаи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон мебошад.

«Кишварҳои мо, ҳамчунин дар чаҳорчӯби Қатъномаи Иҷлоси 64-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» -и рӯзномаи «Фарҳанги сулҳ» бояд барномаи мукаммалтари корӣ дошта бошанд», – таъкид намуд Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Таваҷҷуҳи зиёд ба рушди ҳамкории сеҷониба дар таъмини амну субот дар Афғонистон, бозсозии имконоти иқтисодию иҷтимоӣ ва наклиётию транзитии ин кишвар зоҳир карда шуд.

Дар охири мулоқот Ёддошти ҳусни тафоҳум миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар хусуси сохтмони хати роҳи оҳан, интиқоли энергия (нафт, газ ва барқ) ва об ба имзо расид.

Таъкид гардид, ки масоили татбиқи ин ва дигар тавофуқоти Тоҷикистону Афғонистону Эрон дар мӯҳлатҳои наздик дар ҷаласаи нахустини Комиссияи муштараки сеҷониба баррасӣ хоҳанд шуд.

*www.prezident.tj*

## Ёддошти ҳусни тафоҳум

**байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар хусуси сохтмони хати роҳи оҳан, интиқоли энергия (нафт, газ ва барқ) ва об**

Бо иноят ба ҳамкориҳои густурда ва равобити дӯстона ва бародарона миёни се кишвар-Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, раисони ҷумҳурии ин кишварҳо пас аз баҳсу баррасӣ атрофи чигунагии афзоиши сатҳи ҳамкориҳои байни се кишвар дар заминаи нақлиёти роҳи оҳан, энергия (нафт, газ ва барқ) ва об, бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди имкониятҳои бисёр фаровон дар ин бахшҳо дар се кишвари Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон, ки густариши ҳамкорӣ дар онҳо сабаби тавсеаи ҳар чӣ бештари умури зербиноӣ ва ҳамчунин таъмиқи равобити байни онҳо хоҳад шуд, тавофуқ намуданд:

1. Се кишвар ба таври муштарак нисбат ба имконсанҷӣ ва баррасиҳои фаннӣ дар иҷрои тарҳҳои зерин иқдоми лозимро анҷом диҳанд:

А) Сохтмони хати роҳи оҳан аз Эрон ба Афғонистон ва Тоҷикистон.

Б) Сохтмони хатҳои интиқоли энергия (нафту маҳсулоти нафтӣ ва газ) аз Эрон ба Афғонистон ва Тоҷикистон ва ҳамчунин пайвасти хатҳои барқии се кишвар.

В) Сохтмони хатҳои интиқоли оби Тоҷикистон ба Эрон аз тариқи Афғонистон.

2. Се кишвар дар аввалин фурсат пас аз имзои ин Ёддошти тафоҳум аъзои комиссияи махсуси иҷрои тарҳҳои номбурдаро муаррифӣ хоҳанд кард. Аввалин нишасти комиссияи муштарак пас аз ду моҳ аз имзои ин Ёддошти тафоҳум дар Теҳрон баргузор хоҳад шуд. Таърихи нишаст аз тариқи каналҳои дипломатӣ эълон хоҳад шуд.

3. Дигар кишварҳои алоқаманд низ метавонанд ба тарҳҳои номбурда ҳамроҳ шаванд.

4. Комиссияи муштарак баррасиҳои техникӣ ва молиявии худро нисбат ба таъмини маблағҳои тарҳҳои ёдшуда анҷом хоҳанд дод.

5. Комиссияи муштарак барои ҷалби иштироки Марказҳо ва муассисаҳои муҳими байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки Исломии Рушд, Бонки Рушди Осиёӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва ғайра барои таъмини маблағҳои тарҳҳои номбурда иқдом хоҳанд намуд.

Ин Ёддошти тафоҳум дар таърихи 25 марти соли 2012 баробар бо 6 фарвардини соли 1391 шамсӣ дар шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, дар се нусха ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ имзо гардид.

**Эмомалӣ Раҳмон,**
**Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳомид Карзай,**
**Раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

**Маҳмуд Аҳмадинажод,**
**Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон**

## Нахустин мулоқоти чорҷониба

**Бегоҳии рӯзи 25 марти соли 2012 шаҳри Душанбе макони баргузории нахустин мулоқоти чорҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон гардид.**

Дар ин мулоқот, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷараён гирифт, масоили ҳамкории минтақавӣ дар бахшҳои сиёсат, ҳамгироиҳои муштараки амниятӣ дар мубориза бо хатарҳои ҷаҳони муосир, густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, фановарӣ ва ғайра баррасӣ шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба боловарии нақши чаҳор кишвар дар минтақа, ҷаҳони ислом ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани равобити судманди чорҷонибаи миёни онҳоро амри зарурӣ номид.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон бояд барои бунёди шабакаи муосири интиқоли барқ, газ, оби нӯшокӣ ва роҳҳои оҳану мошингард ҷаҳду талоши фаъол дошта бошанд.

Бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон ва интиқоли нерӯи арзони барқ ба кишварҳои ба он ниёздори минтақа дорои суди беандоза маънидод гардид.

Ба сатҳи нав баровардани корҳо барои имконсанҷӣ ва бунёди роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон ва пайвастани он бо шабакаҳои марбутаи Эрону Покистон низ зарур шумурда шуд.

Сарони давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Покистон пешниҳоди Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро доир ба таъсиси Форуми ҳамкории иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятии кишварҳои чоргона дастгирӣ намуда, ба ташкил ва густариши робитаҳои судбахш изҳори ҳавасмандӣ карданд.

*www.prezident.tj*



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзномаи Шӯро бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қабул гардид:

«Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ярок», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани тарҳи шаҳри Кӯрғонтеппаи вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номҳои шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номҳои шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои вилояти Суғд», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ҳисор», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ташкил намудани деҳоти Ваҳдати ноҳияи Тавилдара», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои яксеълаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби машваратчиёни халқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М.С.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Давлатов М.С.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Н.С.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонди раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Саидов Н.С.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотонидани Давлатов М. С. бо «Ифтихорнома»-и Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотонидани Саидов Н. С. бо «Ифтихорнома»-и Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои муҳокимашуда таври алоҳида қарорҳо қабул ва масъалаҳои мазкурро ҷиҳати баррасӣ ба Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Ҳамчунин Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи охирини рӯзнома –«Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарор қабул карда, дигар масъалаҳои ташкилии фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дод.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*«Садои мардум»*

# Раванди барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон ба рушди омили инсонӣ ниёзи хоса дорад

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5)

**Ҷалолатмаоб Ҳомид Карзай, Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон!**

**Ҷаноби Олӣ Маҳмуди Аҳмадинажод, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон!**

**Ҷаноби Олӣ Осиф Алӣ Зардорӣ, Раиси Ҷумҳурии Исломии Покистон!**

**Мӯҳтарам ширкаткунандагони Конфронс!**

**Меҳмонони гиромӣ,**

**Хонумон ва ҷанобон!**

Қабл аз ҳама иҷозат диҳед ташрифи Шуморо ҷиҳати иштирок дар Конфронси панҷуми ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) сидқан хайра мақдам бигӯям.

Сарфарозам бори дигар ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрику таҳният арз намуда, ба ҳамаатон саломатию хушбахтӣ ва муваффақият орзу намоям.

Ҳамоиши имрӯза, ки таҳти шиори «Ҳамкорӣ барои пешбурди ҳамгирой, субот ва рушди минтақавӣ» баргузор мегардад, аз натиҷаҳо ва вазифаҳои дар ҳамоишҳои қаблӣ оид ба Афғонистон муайянгардида маншаъ гирифта, дар навбати худ саҳифаи наверо дар таърихи кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи барқарорсозии ҳаёти осоиштаи ин кишвар оғоз менамояд.

Мо итминон дорем, ки суханрониву баррасиҳои шумо дар ин конфронс тарзу тариқаҳои наверо барои ҳалли мушкилоти Афғонистон мушаххастар намуда, барои таҳияи зербинои рушди устувори он шароити мусоид фароҳам хоҳанд овард.

Тайи чанд соли охир роҷеъ ба ҳалли мушкилоти Афғонистон ҳамоишҳои байналмилалӣ ва минтақавии сатҳҳои гуногун зиёд баргузор гардиданд. Дар онҳо пешниҳоду таклифҳои созанда фаровон садо дода, санадҳои муфид ҳам қабул шуда буданд. Вале мутаассифона, раванди амалӣ намудани мувофиқаҳои ҳосилшуда мӯҷиби қаноатмандӣ нест ва алҳол зарурати эҷоди механизми мукаммали татбиқсозии онҳо пеш омадааст.

Аз ин рӯ, мо итминон дорем, ки дар ин конфронси мо дар баробари муайян намудани роҳу василаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ оид ба Афғонистон, инчунин ҷиҳати амалӣ намудани натиҷагириҳои он гомҳои воқеӣ бардошта хоҳанд шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша алоқаманд будани худро ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон ва таҷдиду эҳёи бахшҳои мухталифи ҳаёти он иброз медошт. Мо мисли ҳамешагӣ сидқан ҷонибдори боэътимоди сулҳи комилу пойдор ва ваҳдати ҷомеа дар ин кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабону ҳамфарҳанг буда, мӯътақидем, ки истиқрору субот дар Осиёи Марказӣ бо вазъи Афғонистон робитаи ногусастанӣ дорад.

Имрӯз ин эътиқоди мо бештар шудааст, зеро мусаллам аст, ки бо пойдор гардидани мавқеи мақомоти давлатии Афғонистон ва тадриҷан ба неруҳои ҳукуматӣ вогузор шудани масоили таъмини амният имконияти бештаре барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ фароҳам хоҳад омад.

Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон татбиқи стратегияи фарогири байналмилалиро ҷиҳати таъмини эътидол ва барқарорсозии баъдиҷангии Афғонистон ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, бар он назар аст, ки ба ҷанбаи иқтисодию иҷтимоии он бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад.

Ҳамёрони байналмилалӣ ва Ҳукумати Афғонистон зимни ҳамоишу конфронсҳои пешин дар мавриди тавсеаи зарфияти неруҳои амниятӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва такмили ташаббусҳо барои комёб шудан ба сулҳу субот мувофиқа ба даст оварданд. Вале зарурати ҳамоҳангии ҳар чӣ бештари ин мувофиқаҳо ва ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас дар Афғонистон то кунун боқӣ мондааст.

Мо бовар дорем, ки чунин шеваи коргирӣ метавонад имкониятҳои созандаи мардуми афғонро ба ин маҷро сафарбар намуда, тадриҷан иштироки бевоситаи онҳоро дар идораи равандҳои гуногуни ҳаёти кишварашон таъмин созад.

Дар ин росто, дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз раванди мазкур саривақтӣ буда, метавонад дар мавриди ба кору заҳмати ҳаёти осоишта ҷалб намудани табақаҳои мухталифи аҳолии Афғонистон мусоидат намояд.

Бояд зикр намуд, ки калиди ҳалли мушкилоти Афғонистон, пеш аз ҳама дар дасти худи мардуми афғон ва ҳукумати кишвар чун намояндаи қонунии он аст. Дар ин росто, Тоҷикистон аз иқдомот ва ташаббусҳои ҳукумати кунунии Афғонистон дар мавриди комёб шудан ба мусолиҳа ва таъмини сулҳу суботи устувор дар кишвар ҷонибдорӣ менамояд. Шубҳае нест, ки дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин иқдомҳо дар марҳилаи ҳозира бояд муассиртар бошад.

**Иштирокдорони мӯҳтарами конфронс!**

Тадриҷан ба зиммаи неруҳои ҳукуматии Афғонистон гузаштани масъулият барои таъмини амнияти кишвар тақозо мекунад, ки онҳо барои мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккил ҳамаҷониба омода карда шаванд. Дар ин росто, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низомии Афғонистон дар баробари таъминоти техникӣ ба рушди ҳайати кадрӣ ниёз доранд.

Тоҷикистон омода аст, ки имкониятҳои марказҳои таълимии худро барои тайёр намудани марзбонон, низомиён ва ҳайати мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Афғонистон, ки ҳоло ҳам истифода мешаванд, васеътар пешниҳод намояд.

Вале имрӯз мусаллам аст, ки барои таъмини ҳаёти осоишта истифода намудани танҳо усулҳои низомиву аскарӣ кифоя нест. Барои ба сулҳу суботи пойдор ноил шудан таҳия ва татбиқи барномаю нақшаҳои фарогире зарур аст, ки ҷиҳати маҳви решаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии терроризм, экстремизм ва дигар намудҳои ҷиноят имконият фароҳам оранд.

Фикр мекунам, ки барои татбиқи ин ҳадаф амалӣ намудани барномаи муборизаи муштарак бар зидди парвариш ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳамёрони байналмилалӣ мебошад. Зимни ин амалия масъалаи ҷалб намудани кишоварзони афғон ба ин раванд бояд дар модди аввали ин барнома қарор дода шавад.

Дар ин маврид на танҳо иваз намудани кишти зироатҳои нашъадор бо дигар намудҳои зироатҳои кишоварзӣ, балки ба таври қотеъ пешгирӣ намудани вуруди прекурсорҳо ба Афғонистон аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Тоҷикистон аз ҷониби худ метавонад барои барқарорсозии системаи ирригатсионии Афғонистон ва обёрӣ намудани заминҳои кишт ҳамаҷониба мусоидат намояд. Бунёди шабакаи нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва обанборҳо дар Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамчун манбаи захираҳои обӣ ва энергияи арзон барои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Афғонистон ва эҳёи бахши кишоварзӣ аз омилҳои муҳимтарин хоҳад буд.

Истифодаи оқилонаи имкониятҳои кишоварзии Афғонистон ҷиҳати таъмин намудани талаботи дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва ба роҳ мондани содироти он ба бозорҳои минтақавӣ дар маҷмӯъ ба эҳёи соҳаи мазкур ва қисман ҳал намудани масъалаи бекорӣ дар кишвар мусоидат хоҳад намуд.

Раванди барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон дар марҳилаи кунунӣ ба рушди омили инсонӣ ниёзи хоса дорад. Бинобар ин, ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати таъмин намудани бахшҳои гуногуни иқтисоди миллии Афғонистон бо мутахассисони зарурӣ бояд ба ҳайси яке аз самтҳои калидии фаъолияти ҳамёрони байналмилалӣ пазируфта шавад.

Мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват менамоем, ки дар ин росто аз имкониятҳои Тоҷикистон истифодаи васеътар ба амал биёварад. Чунон ки зикри он нукта рафт, Тоҷикистон аллакай ҳамкориҳоро ҷиҳати омода намудани кадрҳои низомиву марзӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Афғонистон ба роҳ мондааст. Таҷрибаи дар ин соҳа ҳосилшуда собит месозад, ки умумият ва муштаракоти фарҳангиву забонӣ ба самаранокии ин раванд мусоидат менамоянд.

Аз ин лиҳоз, мо аз ҳамёрони байналмилалӣ даъват менамоем, ки барои таҳкими ин таҷриба, истифодаи васеи имкониятҳои мо ва ҳамаи кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ҷиҳати омодасозии мутахассисон барои дигар соҳаҳои иқтисоди миллии Афғонистон мусоидати фаъол намоянд.

Тахти сарпарастии байналмилалӣ дар Тоҷикистон таъсис додани Маркази таълимии бисёрсоҳавии касбию техникӣ метавонад дар ин самт қадами воқеӣ ва муассире бошад.

**Меҳмонони олиқадр ва гиромӣ!**

Тавсеа бахшидани иштироки Афғонистон ба раванди ҳамгироии минтақавӣ тавассути таҳкими ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо кишварҳои ҳамсоя, яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ин кишвар мебошад. Тоҷикистон зарурати истифодаи, қабл аз ҳама имкониятҳои иқтисодӣ ва захираҳои табиии худи Афғонистонро ҷиҳати ҳалли мушкилоти ин кишвар таъкид месозад.

Мо бовар дорем, ки Конфронси панҷуми ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон аз тариқи иттихози тасмимоти мушаххас дар ин ҷода саҳми босазо хоҳад гузошт.

Айни ҳол масъалаи таҳияи ташаббусҳои интегратсионӣ, инчунин эҳёи масирҳои таърихии бозаргонӣ ва таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ барои кишварҳои минтақа таваҷҷуҳи хосаро тақозо дорад. Роҳандозии чунин ташаббусҳо барои ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон ва таҳкими ҳамкориҳо ва ҳамбастагиҳои минтақавӣ шароиту имкониятҳои нав фароҳам хоҳад овард.

Аз ҷумла масири роҳи оҳани Тоҷикистон - Афғонистон ва қисматҳои дигари он аллакай аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ мутолеа шудааст. Дар оянда масири мазкур бо Қирғизистон ва Хитой пайваст карда шуда, метавонад ба ҳайси хатти транзитии минтақа аз ҳисоби бамаротиб зиёд шудани гардиши мол байни кишварҳо ҳамасола даромади зиёдеро ба буҷети Афғонистон таъмин намояд.

Лоиҳаи «CASA-1000» метавонад масъалаи норасоии қувваи баркро дар Афғонистон ва Покистон аз ҳисоби интиқоли он аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба таври назаррас ҳал кунад.

Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки дар радифи ин тарҳҳои бузург ва тавассути минбаъд амалӣ гаштани онҳо даҳҳо лоиҳаҳои иқтисодии дигар татбиқ шуда, ҳазорҳо одамон на танҳо дар Афғонистон, балки дар тамоми минтақа бо кор фаро гирифта хоҳанд шуд.

Аз ин лиҳоз, мо ин ва дигар лоиҳаҳоро низ, ки ба тавсеаи шабакаи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ тавассути сохтмони роҳҳои нави оҳан ва мошингард ба воситаи қаламрави Афғонистон, бунёди хатҳои интиқоли барқ, нафт ва газ нигаронида шудаанд, пуштибонӣ менамоем.

Мо итминон дорем, ки ташаббусҳои мазкур дар маҷмӯъ ба равандҳои ҳамгирой ва ҳадафи умумии ҳамаи мо – таъмини сулҳу субот ва рушд дар Афғонистон ва минтақа ҷавобгӯ мебошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз аз ҷониби мо қисмати ақалли имкониятҳое такдими Шумо гардиданд, ки барои барқарорсозии ҳаёти осоиштаи Афғонистон ва таъмини рушди минбаъдаи он тавассути роҳандозии механизмҳои ҳамкориҳои минтақавӣ заруранд. Тафсилот ва ҷузъиёти назари Тоҷикистон нисбати қазияи мазкур ва мавзӯъҳои алоҳидаи он дар рафти конфронс аз ҷониби намояндагони кишвари мо манзур хоҳад шуд.

Тавре дар боло зикр гардид, ҳамоиши имрӯза оғози саҳифаи нав дар кори хайр ва наҷиби эҳёи Афғонистон аст. Зеро тағйироте, ки тайи чанд муддати охир дар равандҳои барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон сурат мегирад, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳо ва созмонҳои манфиатдор вокуниш ва ташаккули муносибатҳои ба воқеияти нав ҷавобгӯ ва мутаносибро тақозо менамоянд. Мазмун ва мӯҳтавои чунин муносибот ба дӯши мо масъулияти боз ҳам бузургтареро барои ояндаи Афғонистон ва минтақа вогузор менамояд.

Фақат роҳандозӣ намудани чунин муносиботи фарогир ва мутаносиб имкон медиҳад, ки рушди устувор ва суботу амнияти минтақавӣ дар баробари ташаккули вазъи Афғонистон таъмин гардад.

Умедворем, ки натиҷаҳои ин конфронс дар ҳалли мушкилоти Афғонистон ва минтақа, таъмини сулҳу субот ва эҳёи иқтисодию иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти ин кишвари дӯст ва бародар нақши муассир хоҳанд дошт.

Дар охир ба кори конфронс муваффақият ва ба иштирокдорони он ҳамчунин тассуроти нек аз боздиди Душанбе таманно мекунам.

## Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5)



**26 марти соли 2012 Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) ба кори худ шурӯъ намуд.**

Кори Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA-5) дар Кохи Сомони Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Барои иштирок дар кори он сарони давлатҳои Афғонистон, Покистон, Эрон ва намояндагони воломақом аз зиёда аз 40 кишвари дигар ва 35 созмони минтақавию байналмилалӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Дар қисмати ифтитоҳии он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои Афғонистон, Покистон ва Эрон Ҳомид Карзай, Осиф Алӣ Зардорӣ ва Маҳмуди Аҳмадинажод иштирок ва суханронӣ намуда, доир ба аҳамияти бузурги минтақавӣ аз дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Афғонистон ва ба ин васила мусоидат ба таҳкими амнияту субот дар ин кишвари азияткашида андешаҳои ҷолиб баён намуданд.

*www.prezident.tj*

# Ҳамкориҳоямон аз «боду борон ва ҳаводиси рӯзгор газанд наёбад»

## Сухани ифтитоҳии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани соҳибкорон дар ҳошияи Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5)



**Ҷалолатмаоб Ҳомид Карзай, Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон!**

**Ҷаноби Олӣ Осиф Алӣ Зардорӣ, Раиси Ҷумҳурии Исломии Покистон!**

**Мӯҳтарам иштироккунандагони Анҷуман!**

**Дӯстони гиромӣ!**

Бо камоли эҳтиром ҳузури шуморо дар Анҷумани имрӯзаи иқтисодӣ, ки бо ташаббуси доираҳои тоҷирону соҳибкорони кишварҳои мо баргузор мегардад, хайра мақдам мегӯям.

Итминон дорам, ки мулоқоту муколамаи созандае, ки дар чаҳорчӯбаи ҳамоиши имрӯза сурат мегиранд, ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байни кишварҳои мо, аз ҷумла дар арсаи робитаҳои иқтисодӣ мусоидати фаъол хоҳанд намуд.

Мову шумо хуб медонем, ки тамоми маҷмӯи муносиботи байнидавлатӣ, пеш аз ҳама дар пояи равобити байни ашхос дар сатҳҳои мухталиф ба роҳ монда мешаванд. То чӣ андозае ин робитаҳо васеъ бошанд, то ҳамон андоза муносибатҳои байни кишварҳо тақвият меёбанд.

Дар ин раванд нақши соҳибкорону тоҷирон басо муҳим ва муассир арзёбӣ мегардад.

Ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт имкон медиҳанд, ки манфиатҳои тарафҳо бо ҳам пайванд ва омезиш ёфта, шароити мусоид барои расидан ба ҳадафҳои волои муштарак - рушди умумӣ ба манзури зиндагии шоистаи мардумонамон фароҳам оварда шавад.

Ҳамин аст, ки муносибатҳои дӯстонаи кишварҳои мо аз оғози Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни амиқ касб намуда, имрӯз бахшҳои зиёди фаъолияти иқтисодиро фаро гирифтаанд.

Имрӯз халқҳои дӯсту бародар ва ҳамҷавори моро дар қатори фазои ягонаи фарҳангию тамаддунӣ ва умумияти таърихӣ омилҳои зиёди иқтисодию иҷтимоии ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии ҷонибҳо ба ҳам мепайванданд.

Дар ин замина мо пайваста силсилаи иқдомҳои моҳиятан муҳимро, ки ба таҳким ва тавсеаи доираи ҳамкориҳои фароху мутақобилан судманди кишварҳоямон нигаронда шудаанд, пиёда мегардонем.

Намоишгоҳ ва Анҷумани имрӯзаи соҳибкорон, ки дар доираи Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон «RECCA-5» - ҳамоиши ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон доир мегарданд, халқае аз силсилаи чунин рӯйдодҳои амалӣ ҳастанд.

Ҳадаф аз ин чорабиниҳо, қабл аз ҳама мусоидат ба рушди устувор ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад.

Ҳамзамон онҳо ба муаррифии имкониятҳои воқеии иқтисодиёти кишварҳои мо дар ин самт нигаронда шудаанд.

Бамаврид аст зикр намоем, ки ду намоишгоҳи дастовардҳои иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки қаблан дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буданд, доираи робитаҳо ва ҳамкориҳои соҳибкорону тоҷирони ҳар ду кишварро ба таври назаррас васеъ гардониданд.

Имрӯз ширкатҳои зиёди муштараки мо дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Тоҷикистон кору фаъолият намуда, саҳми худро дар густариши робитаҳои судманди кишварҳоямон гузошта истодаанд.

Бовар дорам, ки чорабиниҳои имрӯза низ ба ин раванд такони тоза бахшида, дар маҷмӯъ ба ривоҷу равнақи муносибатҳои дӯстии кишварҳои мо мусоидати фаъол хоҳанд кард.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ стратегияи ислоҳоти куллии иқтисодию иҷтимоиро ба манзури бунёди заминаи низоми навини иқтисодиёт ва таъмини сатҳи баланди зиндагии мардум амалӣ намуда, ба таъсиси коргоҳҳои нави истеҳсолӣ дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт, навсозӣ ва босамар намудани фаъолияти корхонаҳои мавҷудаи саноатӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ворид намудани технологияҳои нав таваҷҷуҳи хоса дорад.

Бо дарназардошти мавҷудияти захираҳои ашёи хоми хушсифат дар кишвар як силсила барномаҳои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт пайгирона амалӣ мешавад.

Имрӯз, бинобар маҳдуд будани имкониятҳои коркарди саноатӣ, ҳамагӣ 11 дар сади нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ табдил дода шуда, боқимондаи он чун ашёи хом ба хориҷи кишвар содир карда мешавад, ҳамзамон миқдори зиёди пашм, пилла, меваҷот ва сабзавот талаф меёбад.

Тибқи барномаҳои мазкур дар кишвар бунёди як зумра корхонаҳои коркарди ин маҳсулот дар назар аст.

Бо дарназардошти мавҷудияти шароити лозимӣ ва қувваи кории соҳибкасби нисбатан арзон ин коргоҳҳо, бахусус дар соҳаҳои нассоҷӣ, қолинбофӣ ва ғайра судовар хоҳанд буд.

Дар ин соҳаҳо имкониятҳои мусоиди ҳамкорӣ дар арсаи сармоягузорӣ ва фаъолияти судманд бо кишварҳои ҳамҷавор ва умуман бо шарикони байналмилалии минтақавии мо мавҷуд ҳаст.

Ба ин манзур ёдовар шудан аз захираҳои зиёди металлҳо, аз ҷумла нуқра, тилло, мис ва навъҳои гуногуни сангҳои қиматбаҳо низ бамаврид аст. Истихроҷ ва коркарди онҳо ҳамчунин арсаи ҳамкории босамар ва судовари иқтисодист.

Ҳамзамон мехоҳам таваҷҷуҳи Шуморо ба барномаҳои афзалиятноки иқтисодию сармоягузории Тоҷикистон дар соҳаҳои гидроэнергетика ва нақлиёт, ки манфиати бузург ва дарозмуддати иқтисодӣ доранду дорои аҳамияти минтақавӣ мебошанд, ҷалб намоям.

Барномаҳои энергетикии мо, бахусус бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар шароити имрӯза бартарии возеҳи иқтисодӣ ва стратегӣ доранд.

Масалан, бунёди се неругоҳи бузурги «Роғун», «Шӯроб» ва «Даштиҷум» бо сармоягузорӣ дар ҳудуди шаш миллиард доллар имкон медиҳад, ки беш аз 32 миллиард киловатт соат барқ дар як сол истеҳсол карда шавад. Масорифи онҳо дар муддати кӯтоҳ бароварда мешавад.

Татбиқи ин лоиҳаҳо имконият медиҳанд, ки талаботи рӯзафзуни кишварҳои минтақа ва қисмати шимолии Осиёи Ҷанубӣ ба қувваи барқи аз лиҳози экологӣ тоза ва арзон таъмин гардида, заминаи мустаҳками рушди босуръати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва инфрасохтори онҳо фароҳам оварда шавад.

Дар лоиҳаҳои сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, аз ҷумла «CASA-1000» бошад, ба ҳам пайвастани иқтидорҳои тавлидии Тоҷикистон ва Қирғизистон бо истифодабарандагони неруи барқ дар Афғонистон ва Покистон дар назар аст.

Барномаи дигари дорои аҳамияти стратегӣ – сохтмони хатти интиқоли барқи Роғун – Мазори Шариф – Ҳирот – Машҳад мебошад.

Онро ҳам мехоҳам таъкид намоям, ки бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ иловатан имконият медиҳад, ки тақрибан ду миллион гектар замин дар қаламрави Афғонистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ обёрӣ карда шавад.

Самти дигари муҳим ин таҷдид ва сохтмони роҳҳо, пулҳо, лӯлаҳо ва шабакаҳои об, нафт ва газ мебошанд.

Дар ин самт мехоҳам лоиҳаи бузург ва ниҳоят муҳими сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон – Афғонистон - Эронро, ки ҳамкории васеъ ва созандаро тақозо дорад, номбар намоям. Татбиқи ин лоиҳа тавассути дар оянда пайваст намудани он бо шабакаи роҳҳои оҳани Покистон имкон медиҳад, ки чор кишвар суди бузурги иқтисодӣ ба даст оранд.

Барои мисол мо солона беш аз 400 ҳазор тонна алюминий содир менамоем ва ҳудуди 800 ҳазор тонна гилхок ворид месозем. Маблағи умумии онҳо беш аз якуним миллиард доллар мебошад.

Дар мавриди татбиқи лоиҳаи номбаршуда имконияти транзити ин маҳсулот тавассути қаламрави Афғонистон, Эрон ва Покистон пайдо мешавад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Тавре ки мебинем, ҳадафҳои барои ҳама судманди мо бузург ва наҷибанд. Бар мост, ки бо иродаи возеҳ ва матин, талошу ғайрати дучанд, ҳусни ният ва амали неки созанда кохи бузурги ҳамкориро тавре таҳким бахшем, ки ба қавли ҳакими бузургамон Абулқосими Фирдавсӣ аз «боду борон ва ҳаводиси рӯзгор газанд наёбад».

Бо чунин умедҳои нек ба ҳамаи ҳозирин барои иштироки фаъол дар чорабинии имрӯза изҳори миннатдорӣ намуда, ба кори он натиҷаҳои пурсамар ва ба ҳамагон комгориву пирӯзиҳои навин таманно менамоям.




## Форуми соҳибкорон

**26 марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои Афғонистону Покистон Ҳомид Карзай ва Осиф Алӣ Зардорӣ дар Анҷумани соҳибкорони кишварҳои сершумор, ки дар ҳошияи Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) баргузор гардид, иштирок ва ибрози андеша карданд.**

Анҷуманаи мазкур дар Кохи Ваҳдати шаҳри Душанбе бо иштироки доираи васеи соҳибкорон ва намояндагони сершумори давлатҳои мададрасон ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ҷараён гирифт.

*www.prezident.tj*

# КОНФРОНСИ ДУШАНБЕГИИ RECCA-5: аз сухан ба амал мегузарем

## Мулоқотҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо иштирокдорони воломақоми Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5)

*26 марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як зумра иштирокдорони воломақоми Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5)-ро ба ҳузур пазируфт.*

**Зимни сӯҳбати нахусти Эмомалӣ Раҳмон, ки бо вазири нақлиёти Фаронса Тйерри Мариани сурат гирифт, масоили ҳамкории дуҷониба ва минтақавии ду кишвари шарик баррасӣ шуд.**

Тйерри Мариани ба Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон паёми Президенти Фаронса Никола Саркозиро расонид, ки дар он ба ҷониби Тоҷикистон барои сатҳи баланду мусоиди ташкили конфронси мазкур ва нақши намоёну муассираш дар рушди ҳамкории минтақавӣ арзи сипос карда мешавад.

Тйерри Мариани ҳавасмандии Фаронсаро ба густариши ҳамгироӣ бо Тоҷикистон барои татбиқи лоиҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва нақлиётию транзитӣ дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон таъкид намуд.

Бо изҳори қаноатмандӣ аз ҳамкории босамари сохторҳои низомии Тоҷикистону Фаронса, таҳким ва густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар зарур шумурда шуд.

Ба густариши ҳамкории иқтисодӣ дар бахшҳои саноати кӯҳӣ, сабук, хӯрокворӣ, кимиё ва ғайра изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

**Дар мулоқот бо Муовини парлумонии вазири корҳои хориҷии Япония Ҷо Накано доир ба ҳамкории гуногунпаҳлуи Тоҷикистон бо ин кишвари мутараққии ҷаҳон гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иштироки намояндаи воломақоми Японияро дар Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) нишонаи таваҷҷуҳи доимии ҳукумати ин кишвар ба минтақаи мо арзёбӣ намуда, изҳори боварӣ кард, ки ин ҳамоиши муҳим ва тасмимоти муштараки кишварҳо ва созмонҳои мададрасон ба рушди намоёни иқтисодиёт ва амну суботи Афғонистон ва кишварҳои ҳамсояи он мусоидати фаъол менамояд.

Аз рушди ҳамкорӣ бо Япония доир ба дастгирии рушди бахшҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Ҳамзамон густариши сармоягузории муштарак ба татбиқи лоиҳаҳои судманди иқтисодӣ дар соҳаи коркарди сарватҳои табиӣ ва кишоварзии Тоҷикистон ва дигар бахшҳо «бо истифода аз захираҳои Тоҷикистон ва технологияҳои Япония» матлуб дониста шуд.

Ба гуфти Ҷо Накано, бо назардошти марзи тӯлонии Тоҷикистон бо Афғонистон ва нақши муҳими он дар таъмини суботи минтақавӣ Япония омода аст, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва нақлиётии Тоҷикистон, хусусан минтақаи ҷануби он, мусоидати фаъол намояд.

**Зимни сӯҳбат бо Намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид доир ба Афғонистон Ян Кубиш масоили ҳамгироии дуҷонибаю минтақавӣ барои бозсозии иқтисодиёти Афғонистон ва таҳкими суботи иҷтимоию сиёсии ин кишвар баррасӣ шуд.**

Ян Кубиш ба ҷаҳду талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистон ба ҳайси кишваре, ки худ даҳшатҳои ҷангу нооромиро аз сар гузарондааст, дар бозсозии иқтисодиёт ва суботи Афғонистон баҳои баланд дод.

Таъкид гардид, ки сохторҳои сершумори Созмони Милали Муттаҳид минбаъд низ рушди боСуботи Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, тавассути имкону захираҳои геостратегии он ба таъмини эътидол дар Афғонистон низ мусоидати фаъол мекунанд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки татбиқи босамари лоиҳаҳои зербиноии Тоҷикистон, аз ҷумла бунёди роҳҳои оҳану мошингард, нерӯгоҳҳои барқи обӣ, кашидани хатҳои интиқоли неруи барқ ва ғайра ба нафъи кулли минтақа хидмат хоҳад кард, зеро дар онҳо суди ҳамаи кишварҳои манфиатдор ба эътибор гирифта шудааст.

**Масоили ҳамкории Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид доир ба Афғонистон ва минтақаи атрофи он, ҳамчунин дар мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёвари Дабири кулли ин созмон, Котиби иҷроияи Комиссияи масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он барои Осиё ва уқёнуси Ором хонум Ноэлин Ҳейзер баррасӣ шуд.**

Бо арзи эҳтирому сипос ба талошҳои Тоҷикистон барои таъмини амният ва рушди иқтисодии Афғонистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ хонум Ноэлин Ҳейзер аз Эмомалӣ Раҳмон даъват намуд, ки намояндагони воломақому босалоҳияти кишвар барои идомаи муҳокимаи мавзӯъҳои мавриди назар ба ҳамоишҳои оянда доир ба Афғонистон, ки моҳҳои июл ва ноябри соли равон дар Токио (Япония) ва Бангкок (Таиланд) баргузор мегарданд, фиристода шаванд.

**Дар мулоқот бо Дабири кулли Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ Яҳё Маъруфӣ масоили ҳамкории минтақавӣ мавриди муҳокимаи муфассал қарор гирифт.**

Тавре таъкид гардид, аксари мавзӯъоти Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) аз ҷумлаи масоиле мебошанд, ки дар чаҳорчӯби Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО) низ мавриди пайгирӣ қарор доранд.

Аз ин хотир, ба ҳамкорӣ барои ҷалби сармоягузориҳои густурда ба татбиқи амалии лоиҳаҳои бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, хатти барқии «CASA-1000», роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон ва Эрону Покистон ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба татбиқи амалии санади стратегии «Дурнамои ЭКО то соли 2015» ва дигар санадҳои амалкунанда сурат гирифт.

**Дар мулоқот бо Директори генералии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират Вилям Лесли Слинг масоили ҳамкории густурда дар ин соҳа баррасӣ шуд.**

Вилям Лесли Слинг изҳор дошт, ки Созмони Байналмилалии Муҳоҷират минбаъд низ ба ҳалли мушкилоти Тоҷикистон, аз ҷумла мушкилоти вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати дохилии вобаста ба хатарҳои офатҳои табиию техногенӣ, касбомӯзии муҳоҷирони эҳтимолӣ ва ғайра мусоидат хоҳад намуд.

Таъкид гардид, ки имкону захираҳои фаровони табиӣ, моддию техникӣ ва инсонӣ, ё худ неруи кории мардуми Тоҷикистон бояд ба нафъи кулли минтақа, аз ҷумла Афғонистон, мавриди истифода қарор бигиранд.

**Зимни мулоқот бо Президенти Бонки Исломии Рушд доктор Аҳмад Муҳаммад Алӣ аз густариши бемайлони ҳамкории дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карда шуд.**

Тавре зикр гардид, ҳоло дар Тоҷикистон 8 лоиҳаи афзалиятноки сармоягузории давлатӣ бо ҳиссаи Бонки Исломии Рушд мавриди татбиқ қарор дорад, ки маблағи умумии онҳо 264 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Таваҷҷуҳи зиёд ба афзоиши минбаъдаи сармоягузорӣ ба татбиқи лоиҳаҳои зербиноии дорои аҳамияти минтақавӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ ва ҳам барномаҳои иҷтимоию гуманитарии Тоҷикистон зоҳир карда шуд.

Барои тавсиаи бештари ҳамкорӣ ифтитоҳи намояндагии Бонки Исломии Рушд дар Тоҷикистон зарур шумурда шуд.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба омодагӣ ба мулоқоти 38-уми солонаи Шӯрои мудирони Бонки Исломии Рушд, ки соли 2013 бояд дар Тоҷикистон баргузор шавад ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

*27 марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) бо як қатор иштирокдорони воломақоми он аз кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои соҳибнуфуз мулоқотҳои судманд анҷом дод.*

**Дар мулоқот бо мудири минтақавии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид барои кишварҳои Аврупо ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, раиси Гурӯҳи минтақавии СММ оид ба рушд хонум Кори Удовички масоили татбиқи барномаю лоиҳаҳои сершумори ҳамкорӣ бо Тоҷикистон баррасӣ шуд.**

«Мо фаъолияти сохторҳои фаръию ниҳодҳо ва муассисаҳои мухталифи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Барномаи рушди онро дар кишвари худ самаранок арзёбӣ менамоем», - изҳор дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Кори Удовички Эмомалӣ Раҳмонро бо баргузории бомуваффақияти ин конфронси бонуфузи байналмилалӣ табрику таҳният гуфта, ба фаъолияти Тоҷикистон ва ҳамчун кишвари пилотӣ дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола баҳои баланд дод.

Гуфтугӯйи судманд доир ба тасмимотиояндаи Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи омодагӣ ба ҳамоиши ҷаҳонии об, ки тобистони соли равон дар Бразилия баргузор хоҳад шуд, сурат гирифт. Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки Тоҷикистон яке аз 6 кишвари ташаббускори ғояи «Энергия барои ҳама» дар ҷаҳон аст.

Таваҷҷуҳи зиёд ба дастгирии минбаъдаи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, беҳдошти фаъолият дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешгирӣ аз хатарҳои офатҳои табиӣ сурат гирифт. Аз ҷумла таъкид гардид, ки имсол ҳамгироӣ бо Тоҷикистон барои пешгирӣ аз хатарҳои обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ, ки эҳтимолияти рух доданашон бисёр баланд аст, бояд тақвият дода шавад.

**Зимни сӯҳбат бо муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Миср Араб Муҳаммад Ҳиҷозӣ ҳолати кунунӣ ва нақшаҳоиояндаи ду кишвар доир ба рушди ҳамкорӣ баррасӣ шуд.**

Таваҷҷуҳи зиёд ба татбиқи амалии санадҳои сершумори ҳамкориҳои дуҷониба, ки дар зинаҳои гуногун, аз ҷумла дар сатҳи олии сиёсӣ ба имзо расидаанд, зоҳир карда шуд.

Ҷоннок намудани фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва илмӣ ва густариши робитаҳои судбахш зарур шумурда шуд.

Ба идомаи раванди анъанавии бозомӯзиву касбомӯзии коршиносони тоҷик, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи кӯмаки Бунёди мисрии ҳамкории техникӣ сурат мегирад, тарафҳо ҳавасмандӣ намуданд.

Ҳавасмандии зиёд ҳамчунин ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, дорусозӣ ва ғайра зоҳир гардид.

**Сӯҳбати пурмӯҳтаво бо Дабири кулли Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Ламберто Заньер баргузор гардид.**

Ламберто Заньер барои ташкили шароити хуби кории Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5), ки аҳамияти бузург ба кулли минтақа дорад, ба Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон изҳори сипос кард.

Аз ҷараёни кунунӣ ва дурнамои ҳамгироии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар ҳама се самти авлавиятноки фаъолияти ин созмон – сиёсию амниятӣ, иқтисодию экологӣ ва гуманитарӣ арзи қаноат карда шуд.

Бо изҳори хушнудӣ аз фаъолияти Коллеҷи сарҳадбонии САҲА дар Тоҷикистон, дастгирии фаъолияти неруҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои марбута, ҳамзамон ифтитоҳи як маркази минтақавии омӯзишӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла барои шаҳрвандони Афғонистон, зарур шумурда шуд.

Ламберто Заньер ба нақши Тоҷикистон дар барқарорсозии иқтисодиёт ва амну субот дар Афғонистон баҳои баланд дода, таъкид дошт, ки лоиҳаҳои сершумори зербиноии дар конфронси мазкур матраҳшуда бояд мавриди пуштибонӣ ва сармоягузорӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дода шаванд.

Гуфтугӯйи созанда ҳамчунин доир ба рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва равандҳои демократӣ сурат гирифт.

**Ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории бисёрпаҳлуи Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид дар мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо иҷрокунандаи вазифаи котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии ин созмон Андрей Василев баррасӣ шуд.**

Ба фаъолияти Комиссияи Иқтисодии Аврупоӣ доир ба татбиқи Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ баҳои баланд дода шуд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки лоиҳаҳои сершумори иқтисодии дар Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) муаррифигардида мавриди татбиқи босамар қарор гирифта, ба рушди Афғонистон ва кишварҳои дигари минтақа ва таҳкими амну суботи минтақавӣ мусоидати фаъол мекунанд.

**Зимни мулоқот бо Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, роҳбари Маркази ин созмон дар Осиёи Марказӣ оид ба дипломатияи пешгирикунанда Мирослав Енча изҳори умед намуд, ки санадҳои дар ин конфронс қабулшаванда ба бартарафсозии мушкилу монеаҳои ҳамкории минтақавӣ мусоидати фаъол мекунанд.**

Мирослав Енча таъкид дошт, ки Маркази Созмони Милали Муттаҳид дар Осиёи Марказӣ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои чунин ҳадафҳои судбахш аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда истифода мекунад.

**Дар мулоқот бо муовини вазири корҳои хориҷии Давлати Қатар Алӣ ибни Фаҳд ал – Ҳоҷирӣ масоили ҳамкории рушдёбандаи ду кишвар баррасӣ шуд.**

Алӣ ибни Фаҳд ал – Ҳоҷирӣ паёми табрикӣ ва таманниёти самимии Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сониро ба Эмомалӣ Раҳмон расонда, ба сатҳи ташкили Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) ва натиҷаҳои он баҳои баланд дод.

«Мо ба густариш ва муносибатҳои дӯстона ва тақвияти ҳамкории судбахш бо Давлати Қатар аҳамияти хос медиҳем ва ҳамин гуна бардоштро аз ҷониби давлати шумо нисбат ба Тоҷикистон эҳсос менамоем», - изҳор дошт зимни сӯҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки бо маблағгузории ҷониби Қатар бунёд ёфтани масҷиди бузурги ҷомеъ дар шаҳри Душанбе ва Маҷмааи манзиливу тиҷоратии Диёри Душанбе танҳо оғози ҳамкории густурдаи иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Қатар хоҳад буд.

Доир ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноати маъданҳо, бонкдорӣ ва кишоварзӣ, аз ҷумла чорводорию парвариши занбӯри асал гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

Тибқи мувофиқоти ҳосилшуда дар нимаи аввали соли равон бояд ҷаласаи нахустини Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ дар Душанбе барпо гардад.

Таваҷҷуҳи зиёд, албатта, ба масоили Афғонистон ва таъсири он минтақа низ зоҳир карда шуд.

**Дар фароварди Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон намояндагони махсуси Иттиҳоди Аврупо доир ба Афғонистон ва доир ба Осиёи Марказӣ Вигауас Ушатскас ва Пйер Морелро ба ҳузур пазируфт.**

Намояндагони махсуси Иттиҳоди Аврупо ба натиҷаҳои Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) баҳои баланд дода, Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамаи созмондиҳандагони ин ҳамоиши муҳими ҷаҳониро бо ин пешрафти намоён табрик гуфтанд.

Тавре зикр гардид, Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) бо натиҷаҳои назаррас, аз ҷумла пешниҳоди лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ба поён расид. Аз ин хотир Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) оғози марҳилаи гузариш аз сухан ба амал номида шуд.

Доир ба татбиқи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ ва роҳҳои бартарафсозии мушкилу монеаҳои сунъии рушди ҳамкорӣ дар ин минтақа табодули назар карда шуд.

Ба гуфти Вигауас Ушатскас ва Пйер Морел Иттиҳоди Аврупо дар марҳилаи кунунӣ нақшаҳои кори дарозмуддати худро дар Афғонистон ва Осиёи Марказӣ барои давраи то соли 2020 тарҳрезӣ дорад.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба нақши минбаъдаи Тоҷикистон дар раванди сулҳсозию бозсозии иқтисодии Афғонистон ва минтақаи атрофи он сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

# Наврӯзи Суғдиён

**Ҷашни Наврӯз, ки дорои таърихи зиёда аз шашҳазорсола мебошад, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди бостонӣ ҳар сол ботантана таҷлил мегардад, зеро ин ҷашн таблиғгари некӣ, рӯшноӣ, адолат, сулҳу ваҳдат буда, ба инсонҳо ободкориву созандагӣ, накӯкорӣ ва хайрхоҳӣ меомӯзонад, ҳидоятгари гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек аст.**

Мардуми вилоят, чун тамоми мардуми сарбаланди ҷумҳуриамон, имрӯз мефахранд, ки бо пешниҳоду ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 феврали соли 2010 Шӯрои 64-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» Қатъномa қабул кард ва Наврӯз ҷаҳонӣ шуд.

Ҳамчунин дар соли таҷлили 20 -солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Нишони Наврӯз тасдиқ гардид, ки дар он қутбҳои шимолу ҷануб, нурафшонии офтоб, айёми киштукори донаҳои умед ва фасли баҳору шукуфоӣ, инчунин тоҷи заррини Нишону Парчами Тоҷикистон, таҷассум ёфтаанд.

Наврӯз ободкорӣ ва созандагиро талқин мекунад. Аз ин ҷост, ки кишвари офтобиамон, аз ҷумла вилояти Суғд, аз Наврӯз то Наврӯзи дигар ободу зеботар мегардад. Бо файзи Наврӯз шаҳрҳою ноҳияҳо, кӯчаву хиёбонҳо, идораву хонаҳои истиқоматӣ, боғҳову заминҳо ободтар, поктар, дилоротар ва аз ҳама муҳимаш қалбу завқи инсонҳо поку беғаш ва беолоиш мегарданд.

Соли гузашта дар вилоят беш аз 200 иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ба истифода дода шуд. Аз ҷумла дар шаҳри Хуҷанд иншооти бузурги майдони Исмоили Сомонӣ бо фавворaҳояш, ҳавзи шиноварӣ, Кохи матбуот ва инчунин 15 корхонаи саноатии истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Ин ҳама ободкорию созандагӣ маҳз аз файзу баракати Наврӯзи фархундапай, осудагиву хуррамии даврони соҳибистиқлолӣ аст. Имсол низ дар вилоят бо самараи меҳнати аҳли ҷомеа иншооти зиёде бунёд мешавад ва ба беҳтар шудани сатҳи рӯзгор мусоидат менамояд. Яке аз чунин иншооти муҳим ифтитоҳи нақби Шаҳристон мебошад, ки садсолаҳо боз мардум онро орзу менамуданд.

Бо ҳидоят ва раҳнамоии Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷашнгирии ин иди бошукӯҳи миллӣ дар мамлакатамон тадбирҳои зиёд амалӣ мешаванд. Анъанаҳои наврӯзӣ, урфу одат ва оинҳои миллиамон эҳё мегарданд.




Аз ҷумла аёдати пирону беморон аз ҷумлаи анъанаҳои хуби наврӯзӣ буд, ки алҳол ба ҳукми анъана даромадааст.

Бо ибтикори Ҷаноби Олӣ дар шаҳри Хуҷанд боғи фарҳангии «Наврӯзгоҳ» ба фаъолият оғоз намуд, ки имрӯзҳо ба сайргоҳу идҷой, макони дӯстдоштаи мардум табдил ёфтааст. Истиқболи Наврӯзи фархундаоин дар Суғди бостонӣ, аз ҷумла дар шаҳри Хуҷанд, аз охирҳои моҳи феврал ибтидо мегирифт ва ин анъана имрӯз ҳам идома меёбад. Чунончӣ, дар байни мардуми шаҳри Хуҷанд иди Наврӯз бо номи иди сари Соли нав маъруф аст ва чорабиниҳои наврӯзӣ бошад, тӯли як ҳафта идома меёбанд. Чуноне муаррихон зикр доштаанд, дар рӯзҳои таҷлили иди Наврӯз дар шаҳри Хуҷанд одамон ба завраҳо савор шуда, аз соҳили чапи дарёи Сир ба соҳили рости он, ба дараи хушманзараи кӯҳи Мевагул – Чашмаи Арзана мерафтанд, ки дар он мавзеъ гулҳои аввали баҳорӣ майли шукуфтан доштанду майсаҳои сабз аз хоки сиёҳ сар ба боло мекашиданд.

Ба шаҳри Хуҷанд аз шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, водии Фарғона барои таҷлили ҷашни Наврӯз меҳмонони зиёд меомаданд.

Аз рукнҳои асосии Наврӯз баргузории чорабиниҳои гуногун, аз қабили суманакпазӣ, гӯштигирӣ, аспдавонӣ, дорбозӣ, шеъру сурудхонӣ то ба имрӯз маъмуланд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз охирҳои моҳи феврал сар карда, тантанаҳои наврӯзӣ оғоз мегарданд. Чунончӣ, ҳар сол дар рӯзҳои нахустини моҳи март дар ноҳияи Ҷаббор Расулов мусобиқаҳои миллии гӯштигирӣ ва аспдавонӣ баргузор мегарданд.

Дар Истаравшан ин иди бошукӯҳ, чун дар бисёр минтақаҳои Суғди бостонӣ, бо унвони «Иди сари сол» ёд мешавад ва онро мардум хеле азизу мукаррам медонанд. Дар ин қаламрав «Наврӯзи кишоварзон» низ маъмул аст. Мардуми Истаравшан ба ин ҷашни байналмилалӣ аз оғози баҳори хуҷастапай омодагӣ мегиранд. Яке аз суннатҳои он «Гулгардонӣ» ва «Бойчечак» мебошад, ки аснои баргузории ин маросим писаракону духтаракон ба хонадони хешу табор, мардуми маҳали худ даромада, дар васфи бойчечак суруд хонда, аз омадани баҳори нозанин пайки шодбошӣ медиҳанд.

Сокинони ин хонаводаҳо, бойчечакро бӯса карда, ба чашмонашон мемоланд ва шукронаи ба баҳори нав расидан намуда, кӯдаконро дуои нек ва орзу мекунанд, ки Худованд ҳамагонро соли оянда низ ба баҳори нав расонад. Сипас, барои расонидани муждаи баҳор ба кӯдакон кулчаву қанд ва ширинӣҳо ҳадя мекунанд. Суннати дигар ба муносибати ин ҷашни хуҷаста пухтани суманак аст. Суманакро дастҷамъӣ сабз мекунанд ва мувофиқи урфу одатҳои миллӣ, аз оғози шом бо сурудҳои наврӯзӣ то субҳи содиқ мепазанд, баъд ба табақҳо, косаву пиёлаҳо кашида, назди ҳозирин мегузоранду боқӣ ҳамаро барои ҳамдеҳагону ҳамсоягон тақсим менамоянд. Ин русум дар аксари шаҳру навоҳии вилоят маъруф аст.

Дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд дар арафаи ин иди муборак мардум хонаҳоро тоза, деворҳоро сафед ва шохҳои дарахтонро ба тартиб медоранд. Дар Исфара чорабинии наврӯзӣ бо номи «Сайри гули лола» то ба имрӯз хусусияти хос дорад.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

# Наврӯз омадасту баҳори тарабрасон

Наврӯзи Аҷамро дар тӯли асрҳои зиёд аз шимоли Чин, яъне империяи онвақтаи муғулҳо, то марзҳои Аврупо халқияту миллатҳои гуногун ва умуман ҳамаи халқҳои форсизабон бо самимият ва меҳру муҳаббати хоса ҷашн мегиранд, ки ин аз нишонаҳои арзиши умумибашарӣ ва рисолати тамаддунсози халқу миллатҳои гуногун дар кураи замин гувоҳӣ медиҳад.

Агар мо ба таърихи давлату давлатдорӣ ва фарҳанги куҳани башарият назар афканем, гуфта метавонем, ки ҳамаи ҷашнҳои фарҳангии халқу миллатҳо бе заминаи муайян ба вуҷуд наомадаанд. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз иди Наврӯзи хуҷастапайро ҷашн мегирифтанд, аммо на ба дараҷаи умумиҷаҳонӣ, зеро давраи пайдоиши Наврӯз аз давраи пайдоиши давлату ҳуқуқ куҳантар мебошад. Аз ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки бо ташаккули мафкураи инсоният ва тараққӣ ёфтани давлат ва ҳуқуқ давра ба давра муносибати давлат, ҳуқуқ ва башарият низ нисбати ҷашнгирии Наврӯз тағйир ёфта, имрӯз ба яке аз ҷашнҳои пуршукӯҳи мардуми тоҷик ва умуман форсизабонони ҷаҳон сазовор гаштааст.

Бузургони гузаштаамон дар осори пурарзиши хеш асрори ҳикматҳои ҷовидонӣ ва сифатҳои ногусастании Наврӯзро баҳри ҳамзамонону ояндагон кашф ва васфу ситоиш карда, бо ин васила муҳаббати инсонҳоро ба ин падидаи камназир пос доштаву афзун гардонидаанд.

Ҳанӯз дар замони сулолаҳои Пешдодиён, Каёниён, Ашкониён, Кӯшониён ва Сосониёни қадим дар муҳити идона тантановор расмӣ ҷашн гирифтани Наврӯз ҷоиз буд. Яъне, Наврӯз ва анъанаву суннатҳои некпаёми он тайи умри чандҳазорсолаи худ обутоб ёфта, суфта гардидааст ва шукӯҳу шаҳомат ва дилрабоиву ҳайратангезиаш то айёми мо расидааст.

Маҳз ин ҳикматҳои наврӯзӣ яке аз омилҳои муҳиму созанда ва таконбахши рӯҳу ақли миллати мо буданд, ки ба шарофати онҳо дар давраҳои басо тақдирсӯзи истилои аҷнабиён мо тавонистем фарҳанг, забон, анъанаҳо, одоби авлодӣ, маънавиёт, урфу одати хешро ҳифз ва ғанӣ гардонем. Шаҳомати ҷашни Наврӯзи Аҷам он буд, ки сарфи назар аз ҳамаи ин мушкилоту монеаҳо, вориди фарҳанги аҷнабиён шуда, як рукни тамаддунашон гардид.

Машъали рахшони Наврӯз имрӯз дар аксари кишварҳои Осиё нурафшонӣ мекунад ва дилу дидаи мардумони гуногуннажодро рӯшанӣ мебахшад. Онҳо низ паёму нафаси тозаи навбаҳоронро истиқбол мегиранд.

Наврӯзи бостонӣ сароғози таърихи пурғановати мо буда, ҳамчун суннати пурарзиш ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ва инъикосгари фарҳанги на танҳо мардуми тоҷику форс, балки кулли халқиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он мебошад.

Иди Наврӯзро, ки бо фарорасии баҳор оғоз меёбад, ҷашни пуршукӯҳи табиат ва овону эҳёи он гуфтаанд. Воқеан ҳам Наврӯз мавсимест, ки замин ба меҳвари хуршед баромада, рӯзу шаб ба ҳамдигар баробар мешаванд ва ба кулли инсону мавҷудоти зинда ва табиат рӯҳу тавони тоза бахшида, баояндаи нек, рӯзгори ободу осуда ва пешрафти зиндагии созанда ҳидоят мекунад. Ин иди зебои ниёгони мо, ки дар ҳама давру замон аз ҷумлаи бузургтарин ҷашнҳои муқаддаси миллӣ ва ойини зиндагисози мардум ба ҳисоб рафта, ҳамчун рамзи корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол пеш аз ҳама ба кишоварзону табиатшиносон ва деҳқонон неруву илҳоми тоза мебахшад. Наврӯз бо нақши созандаи хеш ба шудгор, пошидани донаи умед, шинонидани ниҳол ва гулу гулбуттаҳо, хуллас оғози ҳамаи корҳои мавсими ин фасли атобахш ҳидоят менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ин хусус дуруст таъкид мекунад: «Наврӯзи аҷдоди мо, дар роҳи ташаккули таърихии худ мушкилию монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, чун суннати воло ва расми деринаи миллии тоҷикон ба бисёр мамлакатҳои Машриқзамин роҳ ёфта, тадриҷан арзиши умумибашарӣ пайдо кардааст».

Аз ин хотир, халқи тоҷик ин иди азизу мӯътабар ва муқаддаси ниёгонро бо хурсандиву арҷгузории беандоза таҷлил карда (ҷашн гирифта), беҳтарин орзуву ормонҳои худро бо Наврӯз пайванд месозанд. Тамоми ойинҳои ибратомӯзи Наврӯз, ки моҳият ва хусусияти бузурги ахлоқиву тарбиявӣ, бунёдкориву созандагӣ дорад, имрӯз низ барои ҳар як фарди огоҳу солимфикр чун манбаи умеду ормонҳои созанда баҳри худшиносиву ҷаҳоншиносӣ хизмат мекунад.

Наврӯзи фаррухпай, ки дар ҳама давру замон аз ҷумлаи бузургтарин ҷашнҳои мардуми тоҷик ба ҳисоб мерафт, аз гузаштаҳои дур то имрӯз, аз насл ба насл боқӣ монда, эътибору манзалати худро на танҳо дар байни мардуми ориёнажод, балки бисёр халқҳои дигари дунё ҳифз кардааст. Боиси хушнудист, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо иди Наврӯзро беш аз 300 миллион сокини сайёраи мо бо хурсандиву хушҳолӣ ҷашн гирифта, тамоми ойинҳои хуҷастаи онро, ки сарчашмаи бузурги ахлоқию тарбиявиву созандагӣ ва якдилию ҳамдигарфаҳмӣ мебошанд, пос медоранд.

Ин иди зебои табиат ҷашне мебошад, ки дар баробари шодиву сурур, шукуфоиву зебоӣ бо худ покизагию гармӣ ва меҳрубонӣ меорад.

Дар пайравӣ ба анъанаҳои неки аҷдодӣ дар кишвари соҳибистиқлоли мо омодагӣ ба таҷлили Наврӯз аз тозаву покиза кардани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва намуди идона бахшидан ба онҳо, шурӯъ кардан ба корҳои киштукор ва ободонӣ оғоз мегардад.

Мардуми Тоҷикистон суннатҳои аҷдодии наврӯзиро пос дошта, дар рӯзҳои наврӯзӣ мулоқоту воҳӯриҳо ва маҳфилҳои гуногуни фарҳангӣ мероянд, дар баробари табрику муборакбодии якдигар атрофи бузургдошти анъанаҳои миллӣ, фарҳангпарастиву хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ваояндаи неки Ватан суханпардозӣ менамоянд.

Имрӯз аз он сарфарозем, ки мардуми мо, бо шарофати ақлу заковат ва хиради азалӣ ба дастовардҳои азиме дар худшиносии худогоҳии миллӣ, шинохти ҷавҳари таърих, пос доштани арзишҳои таърихиву фарҳангӣ комёб гашта, зина ба зина сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ роҳпаймоӣ менамояд ва обрӯю эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ чун як ҷузъи ҷудонашавандаи башарият бақову пойдор мегардад.

*Наврӯз омадасту баҳори тарабрасон,*
*Хуррам бувад зи сабзаву гул боғу бӯстон.*

***Сулаймон ХУРСАНДЗОДА,***
***сармутахассиси Сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# «Муҳоҷир» ба роҳ баромад

Дар рӯзҳои таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз нашрияи наве бо номи «Муҳоҷир» ба чоп расид. Муассиси нашрия Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва он моҳе ду маротиба пешкаши хонандагон мегардад. Шиори «Муҳоҷир» мувофиқ ва ҷолиб интихоб шудааст: «Рӯзӣ ба нишастан насиби кас намешавад». Тавре дар сармақолаи ҳайати таҳририя омадааст: «Шиори мо аз мисраъҳои оламшумули Соиби бузургвор:

*Рӯзӣ ба нишастан насиби кас намешавад,*
*Бояд чу осиё аз паи обу дона рафт!*

гирифта шуда, асоси воқеӣ дорад. Муҳоҷир аз пайи обу дон мисли осиё дар гашт аст».

Паёми сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиаллоҳ Девонаев аз суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки чунин таъкид кардааст: «Саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ назаррас буда, аз он ҳам давлати содиркунандаи қувваи корӣ ва ҳам давлати қабулкунандаи он манфиати калони иқтисодӣ ба даст меоранд», оғоз меёбад.

Дар саҳифаҳои дигари нашрия оид ба вазифаҳои Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби гирифтани патент (иҷозатномаи кор) маълумот дода шудааст. Мусоҳибаю маводҳои дигар аз мушкилоти муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷа нақл мекунад. Ҳамчунин ба муҳоҷирони меҳнатӣ маслиҳат ва дастурҳои муфид дода шудааст. Нашрия, ки дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз ба нашр расид, хабарнигори он Юлдош Шерматов оид ба таърихи ин иди бостонӣ маводеро зери унвони «Иди баҳору зебоӣ» пешкаши хонандагон гардонидааст.

Ба «Муҳоҷир» ва ҳамватанони азизе, ки бо амри тақдир аз пайи обу дона ба сафар мебароянд, роҳи сафед таманно дорем.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# Системаи нави «Низоми санҷиши пешакии муҳоҷирин» ҷорӣ шуд




**Дар КВД «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» муаррифии системаи «Низоми санҷиши пешакии муҳоҷирин» баргузор шуд. Зарурат ва аҳамияти ин система дар чист? Зимни ҷавоб ба саволи хабарнигорамон котиби матбуотии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Муҳаммадюсуф Шодиев ин навигариро таври зайл шарҳ дод:**

- Айни замон дар Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират якҷоя бо созмонҳои байналмилалӣ як қатор лоиҳаҳое амалӣ мегарданд, ки дар ҳалли вазифаҳои бамиёнгузоштаи «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар солҳои 2011-2015» кӯмаки калон мерасонанд. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки имрӯз мадди назари сохторҳои мо қарор доранд, барои Тоҷикистон аз нигоҳи ҳамкориҳои байналмилалӣ муҳим мебошанд. Дар назди мамлакатҳои ИДМ дар соҳаи муҳоҷират вазифаҳои басо азиме истодаанд, ки бояд ҳар чӣ зудтар ҳалли худро ёбанд. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва равандҳои дар ин замина бааламояндаи рушди табодули савдои берунӣ ҳаҷму сохтори бозори муҳоҷиратро тағйир дода, муҳоҷирати дохилӣ ва берунаро суръат мебахшанд.

Дар маросими муаррифии «Низоми санҷиши пешакии муҳоҷирин» директори генералии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Рустам Холиқов зикр кард, ки барои осон намудани мушкили мусофирон дар ҳамкорӣ бо Хадамоти муҳоҷирати федералии Федератсияи Россия, дар мувофиқа бо ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, системаи фаврӣ муайян намудани иҷозати вуруд ба Федератсияи Россия даст дод. Мусаллам аст, ки дар шароити ҳамкориҳои пурсамари байналмилалӣ ягон мамлакат ва ё гурӯҳи мамлакатҳо масъалаҳои муҳоҷиратро бе ҳалли якҷояи вазифаҳои пешомада дар ин соҳа, яъне бе кӯшишҳои мамлакатҳои ҳамсоя, ҳамаи давлатҳои ташкилкунандаи низоми ҷаҳонии хоҷагидорӣ зери назорат гирифта ва ҳал карда наметавонанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия феълан қисми таркибии равандҳои глобалии муҳоҷиратии дар ҷаҳон баамалоянда мебошад. Ҳадафи чорабинии мазкур таъсиси як навъ филтр, яъне низоми ягонаи поксозии муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Он ба кормандони фурудгоҳҳои мамлакатҳои ИДМ имконият медиҳад пеши роҳи ҳодисаҳои талафоти молиявии марбут ба берункунии мусофирон аз қаламрави Федератсияи Россия, яъне берункунии онҳое, ки вақти омадан ба фурудгоҳи таъинотӣ ба сабаби иҷозат надоштан баҳри воридшавӣ аз назорати шиносномавӣ намегузаранд, пешгирӣ карда шавад. Системаи нав имкон медиҳад, ки мусофири ба Федератсияи Россия сафаркунанда пешакӣ огоҳ шавад, ки иҷозати вуруд ба ин кишварро дорад ё не. Система бо шабакаи интернет васл буда, аз рӯйи барномаи махсус амал менамояд. Бо нусхабардорӣ шудани шиноснома маълумоти зарурӣ фавран пешкаш мешавад.

Таъсиси низоми «ОНЛАЙН» ба сабаби зарурати баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамчунин такмили назорати шиносномавиву сарҳадӣ рӯйи кор омад. Дар ҷамъомади муаррифии системаи нав ҳамчунин сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиаллоҳ Девонаев ба намояндагони Хадамоти муҳоҷирати федералии Федератсияи Россия ва роҳбарияти фурудгоҳи Душанбе миннатдорӣ баён намуд. Муовини директори техникии ҶСП «Техносерв»-и Федератсияи Россия Константин Болтрукевич ибroз дошт, ки Тоҷикистон аввалин кишварест, ки системаи мазкур дар он роҳандозӣ мешавад.

*Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*


# Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр»

## мутахассисони корозмудаи соҳаи иқтисод, ҳуқуқшиносӣ ва молияро ба кор даъват менамояд




**ТАЛАБОТ:**

- **маълумоти олӣ;**
- **таҷрибаи корӣ аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 сол;**
- **истифодаи мустақилонаи компютер (MS, Office, IC);**
- **донистани забонҳои хориҷӣ (афзалият ба забони англисӣ дода мешавад);**
- **масъулиятшиносӣ, махфият, қобилияти хуби муошират.**

**ШАРОИТИ КОР:**

- **музди меҳнати арзанда;**
- **хизматрасонии иҷтимоии иловагӣ аз ширкати ҳавопаймоӣ (хизматрасонии ройгони тиббӣ дар маркази тиббии саломатӣ ва пешниҳоди чиптаҳои ҳавопаймоии имтиёзнок).**

**Довталабон мактуби ҳавасмандӣ ва шарҳи ҳоли мухтасарро метавонанд ба нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов 32/1 ва ё почтаи электронии a.mavlonov@tajikairlines.com ирсол намоянд.**

**ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ТАМОС: 48-701-50-45, 48-701-50-34.**


## ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон

**Донишкада барои ишғоли вазифаҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд:**

1. *Мудирони кафедраҳо*: менеҷмент, фанҳои гуманитарӣ, варзиш.
2. *Дотсентон*: ба кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ, менеҷмент, ташхис ва ҳуқуқи гумрукӣ, забонҳо.
3. *Муаллимони калон*: ба кафедраҳои менеҷмент (1 нафар), назарияи иқтисодӣ (1 нафар), пардохт ва назорати гумрукӣ (2 нафар), технологияи информатсионӣ ва логистика (2нафар).

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо -як моҳ аз рӯзи нашри эълон.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин қабул карда мешавад:**

-*Мудири кафедра*: ариза ба номи ректор, рӯйхати тасдиқшудаи корҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ (ф.16), варақаи шахсӣ, нусхаи дипломи таҳсилоти олӣ, дипломи дараҷаи илмӣ, аттестати унвони илмӣ, тавсифнома, тарҷумаи ҳол, қарори кафедра, қарори шӯрои олимони факултет.

-*Муаллими калон*: ариза ба номи ректор, рӯйхати тасдиқшудаи корҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ (ф.16), варақаи шахсӣ, нусхаи дипломи таҳсилоти олӣ, шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (ф.2:2.), тавсифнома, тарҷумаи ҳол, қарори кафедра, қарори шӯрои олимони факултет.

**Нишонии мо:** шаҳри Душанбе, хиёбони Дӯстии халқҳо 94.
**Телефонҳо:** 227-30-29, 221-59-48.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои созмоншудаи муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 191/1-60 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (эълони такрорӣ) | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 2 | 2.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 246/1-85 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (эълони такрорӣ) | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 2 | 2.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 299/1-112 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 2 | 9.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 300/1-113 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 9.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 802/1-362 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 35 | 9.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 803/1-363 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи хӯрока | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 9.04.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда, пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти 721/1-334, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 17 марти соли 2012, №32 (2859) нашр шудааст, ба ҷойи нӯҳуми апрели соли 2012 сана ва вақти кушодани лифофаҳо дуюми апрели соли 2012 хонда шавад.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | МТМУ № 1, шаҳри Ваҳдат | Таъмири деворҳои берунии бинои асосии мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 2 | МТМУ № 4, шаҳри Ваҳдат | Пӯшидани боми бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 3 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Маводи хӯрока | тибқи дархост | | 18.04.2012 соати $11^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.






# Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Ғуломов Содиқҷон Ҳалимович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0930027533 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Асоев Ҷонибек Орзуевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0210321 бо РЯМ 0930058791 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 27 январи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Аюбов Лоиқ Мухторович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188121 бо РЯМ 0930049432 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 3 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Салам», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 82/2, ҳуҷраи 9 фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Проект-строй», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ 63, ҳуҷраи 34 фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Тоҷов Насибулло Фатҳиддинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0203299 бо РЯМ 0730057112 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 3 феврали соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪЛОН

Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ хабар медиҳад, ки тибқи супориши Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши як қисми бинои коргоҳи сехи асбобсозии КВД «Тоҷиктекстилмаш»-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷмааи саломатии ҶСК «Заводи арматурӣ ба номи С. Орджоникидзе» (ҳозира Корпоратсияи РЭМА), ки музоядаи онҳо ба 6 апрели соли 2012 таъин шуда, аз ин хусус дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №27 (2854) аз 6 март ва таҳти № 30 (2857) аз 13 марти соли 2012 эълон нашр шуда буд, боздошта мешавад.

# ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе амволи ба ҳабс гирифташуда- манзили истиқоматиро, ки дар нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Федина, бинои 50/1, ҳуҷраи 25 воқеъ аст, 19 марти соли 2012 соати $10^{00}$ дар манзили истиқоматии мазкур бо арзиши ибтидоии манзил 146560 (яксаду чилу шаш ҳазору панҷсаду шаст) сомонӣ ба фурӯш гузошта буданд.

Бинобар сабаби то санаи 2 апрели соли 2012 мавқуф гузоштани суд музояда дар санаи 2 апрели соли 2012 соати $10^{00}$ дар манзили истиқоматии дар боло зикршуда гузаронида мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти иловагиро аз иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ё бо телефонҳои 235-21-69, 235-21-66 гиранд.

# Эътибор надорад

Номаи камоли №092660-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №2-и ба номи Ушинскийи ноҳияи Куйбишеви (ҳозира Хуросон) вилояти Хатлон соли 1986 ба Ҳакимов Азимҷон Ғуломович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшуда, ки онро Мактаби шабонаи коргарҷавонони №14, ноҳияи Марказӣ (ҳоло Фирдавсӣ)-и шаҳри Душанбе соли 1975 ба Бобоев Акбар Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №07/011-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2007 ба Қаландаров Саъдӣ Акрамович додааст, эътибор надорад.

***

Мӯҳри гумшудаи ҶДММ «Сарикиштӣ», дорои РМА 040017250, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми силсилаи Т-ШТА № 0074319-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 3-и ноҳияи Ҷиликӯл ба Абдушаидов Алиакбар Саидумронович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва дафтарчаи донишҷӯии №109/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, ба номи академик М. Осимӣ соли 2006 ба Эшонов Абдулҳамид Абдурауфович додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ЦВ № 793435-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳозира ба номи С. Айнӣ) 31 июли соли 1993 ба Усмонов Олимҷон Ибрагимович додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
**Садои МАРДУМ**

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 28 марти соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха*

*Навбатдори шумора Б. Каримов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова